«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________________
«_30_» ___06___________________ с.2022.

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои таҳқиқоти илмӣ Холов Тоҳирҷон Толибҷонович аспиранти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Холов Тоҳирҷон Толибҷонович аз соли 2011 то соли 2014 аспиранти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Дар аввал ҳамчун роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Розиқов Воҳид Абдуқаҳорович таин гардида буд.

Бинобар сабаби бемории тулонӣ Розиқов В.А., натавонистанд ба аспирант машварат ва ҳамкории илмиро идома диҳанд.

Бо қарори Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии ДМТ аз санаи 29-апрели 2021 с № 10 рохбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарипов Баҳром Маҳмудович тасдиқ карда шуд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодӣ аз 21- феврали соли 2012, суратҷаласаи №6 тасдиқ шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Холов Т.Т. дар ҷаласаи якҷояи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2022, суратҷаласаи №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда аст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссетратсия оид ба мавзӯи «Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

1. **Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон» ба мавзуи мубрам бахшида шудааст. Таҳқиқоти илмӣ бо забони шевои тоҷикӣ ва бо асосноккунии илмӣ навишта шуда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Дар рисолаи илмӣ мақсад ва вазифаҳо пурра ичро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд. Далели нокифоя будани омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, сабаби ба мавзуи мубрами таҳқиқот табдил ёфтани масъала мегардад.

2. **Иштироки шахсии аспирант дар гирифтани натичаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Ҳамаи давраҳои таҳқиқот ҷиҳати иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, махсусан интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои гузоштташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф саҳми худро дар такмили асосҳои назариявии ташкил, дурнамо ва механизмҳои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон гузоштааст. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

3.**Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Муаллиф мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методологияи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода

намудааст. Хулосаву тавсияҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва истифодаи методологияи муосир асос меёбанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда усулҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, моделсозӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, тарҳсозии риёзиву иқтисодӣ, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ, рушд ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

**4. Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи тадқиқот дар коркард ва муайян намудани роҳу афзалиятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба ташаккули минбаъдаи рушди саноати маъданҳои кухии ҷумҳурӣ бо мақсади тақвияти соҳаи саноат дар Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон мебошад.

5. **Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар асосноккунии асосҳои назариявии ташкил, дурнамо ва механизмҳои «Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кухии Тоҷикистон» зоҳир мегардад.

Ба натиҷаҳои назарраси таҳқиқот, ки навгонии илмӣ доранд, инҳоро мисол овардан мумкин аст:

- дар заминаи ҷамъбаст кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба муайян кардани рушди инноватсионию сармоягузории иқтисодиёт, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст;
- ҷузъҳои муҳимтарини таркибии фазои сармоягузорӣ дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди Тоҷикистон ва аз ҷумла дар саноати маъданҳои кӯҳӣ ҷудо карда шудаанд;
- арзёбии сатҳи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳии кишвар гузаронида шудааст;
- дурнамои рушди минбаъдаи саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст;
- механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ, ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд;

➢ сиёсати сармоягузорӣ ва роҳҳои фаъолсозии он дар саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**6. Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.**

Диссертатсияи Холов Т.Т. дар мавзӯи: «Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси соҳаҳо 08.00.04.01 – “Иқтисодиёт саноат ва энергетика” анҷом дода шуд:

**7. Навгонӣ ва мувофиқати диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда.**

Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – “Иқтисодиёт саноат ва энергетика” мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда дар 11 мақолаҳои илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 12,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

1. Холов Т.Т. Ахаммяти ҷалби сармояи хориҷӣ дар рушди саноати маъданҳои кухии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Т Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2014. - №2/3 (125)- С. 218-224.

2. Холов Т.Т. Сармояи хориҷӣ ва нақши он дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон./ Т.Т Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2014- №2/5- С. 80-86.

3. Холов Т.Т. Инвестиционная политика промышленности Республики Таджикистан и пути её активизации / Т.Т Холов.. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- 2014 – №2/8- С. 268-273.

4. Холов Т.Т. Пути дальнейшего развития предприятий горнорудной проиышленности Таджикистана / Т.Т Холов // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2021- №5. С. 181-189.

5. Холов Т.Т. Вопросы финансирования геологоразведочных работ в Таджикистане. / Т.Т Холов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 201- №7,2021- С. 20 -26.

6. Шарипов Б.М. Холов Т.Т. Оқилона истифодабарии захираҳои табиӣ –гарави татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ. / Шарипов Б.М. /Холов Т.Т// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2022- №6- С. 77-86.

**В) Дар дигар нашрияҳо :**

7.Нуруллоев З.Х., Разыков В.А., Холов Т.Т., Экономические интересы и ценности Республики Таджикистан в условиях рынка/накука и иновация (научный,учебный и методический журнал)./ З.Х.Нуруллоев., В.А. Разчков. Т.Т. ХЪолов. Институт развития образования Таджикистана. Душанбе, 2013.-С 69-73.

8. Холов Т.Т. Формирование СЭЗ как фактор стимулирования инвестиционной активности./ Т.Т.Холов.// Сб материалов республиканской научно-практической конференции “Свободный экономические зоны и их роль в развитии национальной экономики”(19-20 декабря 2013г) Институт предпринимательста и сервиса. Душанбе,2014-С 145-151.

9. Разыков В.А., Нуруллоев З.Х., Холов Т.Т. Оценка эффективности инвестиционных проектов.Мат Респ научно пратич.конференции “Инвестиционно-строительный комплекс Таджикистана за период независимости: от проблем к них решению”Д:ТТУ им.Акад.М.С.Осими,-ноябр,2014-С.201.

**Коркарди диссертатсия.** Муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар якчанд конфренсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ баромад карда шудааст.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ – 30 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 24 нафар. Аз ҷумла, бо ихтисоси рисолаи муҳокимагардида н.и.и., дотсентон 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 24 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи аспирант Холов Т.Т. дар мавзӯи “Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон” барои дарёти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.04.01-“Иқтисодиёти саноат ва энергетика” бо назардошти ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатӣ тавсия карда шавад.
2. Диссертатсияи аспирант Холов Т.Т. дар мавзӯи “Тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон” барои барраси ва муҳокима дар Шӯрои олимони факултет иҷозат дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2022, суратҷаласаи №4 қабул кардашудааст.

**Раис:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ** **Саидмуродова М.А.**

**Котиб:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ** **Гулмамадов А.В.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«30» 06 с.2022.**